УДК – 332.146.2
ББК – 65.04

## ИСТИФОДАБАРИИ ИҚТИДОРИ ИНДУСТРИАЛИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

***Файзиева Дилноза Изатуллоевна*** *- унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд), e-mail: fdilnoza@list.ru*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНДУСТРИАЛЬНОГО ПОТЕНЦИАЛА СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

***Файзиева Дилноза Изатуллоевна*** *- соискатель кафедры экономической теории ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистан, г.Худжанд), e-mail: fdilnoza@list.ru*

## UTILIZATION OF THE SUGHD REGION'S INDUSTRIAL POTENTIAL

***Fayzieva Dilnoza Izatulloevna*** *- Researcher of Economic Theory Department, Khujand State University named after academician B.Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: fdilnoza@list.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *принсип, оқилона истифодабарӣ, иқтидор, саноат, рушд, инкишофи минтақа, рақобатпазирӣ.*

*Дар мақола масъалаҳои оқилона истифодабарии иқтидори индустриалии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ташаккул додани модели индустриалӣ-аграрӣ таҳлил карда шудааст. Дар вилояти Суғд ва ҷумҳурӣ пояҳои иқтисоди бозоргонӣ густариш ёфтаанд ва имконияти такмил додани механизми оқилона истифодабарии иқтидори индустриалӣ ба шарти таҷдиди сармояи асосӣ пайдо гардиданд, ки дар мақола таҳлил шудааст. Ҳамчунин дар он дараҷаи вазъи техникии иқтидори индустриалӣ, хусусият ва самтҳои рушду инкишофи минтақа дар асоси ташкил намудани истифодабарии принсипҳои оқилонаи истеҳсолот, маҳсули зеҳнӣ ва индустриалӣ таҳлил шудааст. Ҳамин тариқ, суръати рушди иқтисодиёти минтақа бештар аз омилҳои инсонӣ ва аз оқилона истифодабарии иқтидори индустриалӣ вобастагӣ дорад, ки асоси ташаккули модели рушди саноатӣ-аграриро ташкил медиҳад.*

***Ключевые слова:*** *принцип, рациональное использование, потенциал, промышленность, развитие, развитие региона, конкурентоспособность.*

*В статье рассматриваются проблемы и анализ рационального использования индустриального потенциала Согдийской области Республики Таджикистан с учётом формирования индустриально – аграрной модели. В Согдийской области и в республике в целом сформировались основы рыночной экономики и появляется возможность совершенствования механизма рационального использования индустриального потенциала, при условии обновления основного капитала. Кроме того, уровень технических возможностей индустриального потенциала, характера и направлений развития региона анализируется на основе организации использования рациональных принципов производства, интеллектуальных и индустриальных продуктов развития. Таким образом, темпы роста экономики региона во многом обусловлены в большей степени человеческим факторам нежели за счет рационального использования индустриального потенциала, что является основой формирования индустриально-аграрной модели развития.*

***Key words:*** *principle, rational use, potential, industry, development, regional development, competitiveness.*

*The article analyses the issues of rational use of industrial potential of Soghd region of the Republic of Tajikistan through the development of the industrial and agricultural model. It is noted that the foundations of market economy have been developed in Sogd region and in the republic, and it is possible to improve the mechanism of rational use of industrial potential subject to the renewal of fixed capital. It analyzes the level of technical condition of the industrial potential, the nature and directions of the region's development by organizing the application of rational principles of production, intellectual and industrial products. The pace of economic development of the region largely depends on the human factor and rational use of industrial potential, which is the basis for the development of the industrial and agricultural model.*

Истифодабарии иқтидори индустриалии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз вазъи воқеӣ бо дарназардошти ташаккул ёфтани модели индустриалӣ ва аграрӣ сарчашма гирад.

Дараҷаи вазъи техникии иқтидори индустриалиро хусусият ва самтҳои рушду инкишофи минтақа муайян мекунад.

Корбурди иқтидори индустриалии минтақа дар асоси ташкил намудани истифодабарии принсипҳои оқилонаи истеҳсолот, маҳсули зеҳнӣ ва индустриалӣ асос ёфтааст.

Истифодабарии системаҳои муосири идоракунӣ, ташаккули мавқеи рақобатпазирӣ дар бозор ва таъмин намудани хусусиятҳои баланди техникӣ ва иқтисодӣ ноил шудан ба мақсадҳои мувозинат ва манфиатҳои рушди давлат, минтақа, тиҷорат ва аҳолӣ маҳсуб меёбад.

Қаблан сохтори иқтидори индустриалӣ ва самтҳои асосии пасандозҳои он бо иқтисодиёти деформатсионии навъи мутамарказонидашуда алоқаманд буданд. Ҳарчанд шакли асосии моликият давлатӣ маҳсуб меёфт, аммо масъалаи босуръат афзоишёбии аҳолии бо кор машғулбуда, масалан, тавассути таъсис додани муассисаҳои мошинсозӣ дарҳол ҳал карда мешуд. Асоси иқтидори индустриалиро соҳаҳои саноатӣ (саноати коркарди истеҳсолот, мошинсозӣ, таҷҳизотсозӣ ва ғайра) ташкил медиҳад ва истифодабарии онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Омӯзиши вазъият ва оқилона истифодабарии иқтидори индустриалии вилояти Суғд таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодии навинро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, вазъи кунунӣ ва рушди иқтисодии онро барои ёздаҳ моҳи соли 2019 мавриди таҳлил қарор медиҳем. [1,2]/

Мувофиқи маълумоти Раёсати умумии молияи вилояти Суғд даромади буҷаи вилоят дар давоми ёздаҳ моҳи соли 2019 нақшаи даромади буҷаи давлатӣ дар ҳаҷми 94,6% таъмин карда шудааст ва ба буҷа 2071,1 млн. сомонӣ ворид гардидааст. Ҳамзамон, қисми хароҷоти буҷаи минтақавӣ дар моҳҳои январ-ноябр 1656,2 млн. сомониро ташкил додааст, ки ба 94,8% баробар аст. [3]

Моҳҳои январ-марти соли 2019 корхонаҳои саноатӣ ба маблағи 2735,4 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд ва афзоиши истеҳсолоти саноатӣ бо назардошти индекси маҳсулоти саноатӣ 116,4% -ро ташкил дод. Аз 158 намудҳои муҳими маҳсулотҳои саноатии истеҳсолшуда дар моҳҳои январ-марти соли 2019 ба 108 номгӯ ё (68,4%) афзоиш ёфтааст, 47 номгӯ ё ( 29,7%) коҳиш ёфтааст ва 3 номгӯ ё (1,9%) истеҳсол карда нашуд.

Дар соҳаи саноат 636 корхона мавҷуд аст, ки аз он 36 корхона дорои хусусиятҳои хизматрасонии саноатӣ мебошанд. Аз 600 корхонаҳои саноатии ҳисоботӣ дар моҳҳои январ-марти соли 2019 325 корхона ё 54,2% дар сатҳи истеҳсолот нисбат ба соли гузашта зиёдтар мебошанд. Ҳамзамон, шумораи корхонаҳои аз кор монда дар моҳҳои январ-марти соли равон 181 корхона ё 30,2% -ро ташкил дода, 94 корхона ё 15,6% сатҳи истеҳсолотро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта коҳиш додааст. Аз 181 корхонаи аз кор монда, 111 корхона аз сабаби мавсимии маҳсулоти худ кор накардаанд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар моҳҳои январ-ноябри соли 2019 ба 11379,2 миллион сомонӣ расида, суръати афзоиш бо назардошти индекси арзишҳо дар сатҳи 109,0 %-и ҳамин давраи таҳлилии соли гузашта таъмин карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз 621 корхонаи саноатӣ 566 корхона ё 91,1% фаъолият доштанд, 55 корхона ё 8,9% умуман фаъолият накарданд.[4]

Саноати вилояти Суғд, ҳамчун асоси иқтидори индустриалӣ бо намудҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ шинохта мешавад, ки ҳар яке дар фаъолияти хеш ин ё он намуди захираҳоро мавриди истифода қарор медиҳад. Самаранокии саноат аз оқилона истифодабарии иқтидори индустриалӣ вобастагӣ дорад.

Дар поён хусусияти умумии истифода намудани иқтидори индустриалӣ оварда шудааст (ҷадвали 1).

---

[3] О результатах социально-экономического развития области за 11 месяцев 2019 года. Отчет Председателя Согдийской области //Согдийская правда.-№103 (16813)от 25.12.2019 года.-С.1

[4] О результатах социально-экономического развития области за 11 месяцев 2019 года. Отчет Председателя Согдийской области //Согдийская правда.-№103 (16813) от 25.12.2019 года.-С.3

Ҷадвали 1.

Нишондиҳандҳои умумии иқтисодии оқилонаистифодабарии иқтидори индустриалии вилояти Суғд[5]

| *Намудҳо* | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *Суръати афзоиши соли 2018 ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли 2013* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Миқдори маҳсулоти саноатӣ, млн. сом.* | | | | | | | |
| Ҳамагӣ саноат | 108,1 | 108,6 | 118,7 | 135,5 | 131,5 | 105,9 | 97 (-3) |
| Аз он ҷумла:<br>- истихроҷ | 119,0 | 149,7 | 117,6 | 162,1 | 130,7 | 111,2 | 93 (-7) |
| - коркард | 107,0 | 124,9 | 120,3 | 128,8 | 129,9 | 115,5 | 107 |
| - истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об | 109,3 | 105,8 | 107,5 | 96,3 | 125,4 | 95,1 | 87 (-13) |
| *Сохтори истеҳсоли саноатӣ, бо фоиз* | | | | | | | |
| Ҳамагӣ саноат | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 1 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 25,8 | 30,6 | 26,3 | 35,4 | 40,9 | 34,5 | 133 |
| Саноати коркард | 66,8 | 64,0 | 69,0 | 61,3 | 55,6 | 58,1 | 0,8 |
| Истеҳсоли тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об | 4,7 | 5,4 | 4,7 | 3,3 | 3,4 | 7,4 | 1,5 |
| *Миқдори корхонаҳои саноатӣ, адад* | | | | | | | |
| Ҳамагӣ саноат | 324 | 566 | 698 | 604 | 597 | 633 | 1,9 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 22 | 29 | 40 | 47 | 48 | 50 | 2,2 |
| Саноати коркард | 299 | 534 | 653 | 553 | 545 | 579 | 1,9 |
| Истеҳсоли тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об | 3 | 3 | 4 | 4 | 1 | 4 | 0,4 |

Агар мо истеҳсоли баъзе намудҳои маҳсулоти саноатиро ба назар гирем, пас бояд фаъолияти саноати коркардро таҳлил намоем, ки дар он саҳми арзиши иловашуда зиёд мебошад. Маҳз ба ҳамин ташаккули модели рушди саноатӣ-аграрӣ равона гардидааст, ки иқтидори индустриалӣ чи тавр бояд оқилона истифода карда шавад.

Хусусияти умумии коркарди истифодабарии иқтидори индустриалӣ дар вилояти Суғд дар поён оварда шудааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

Нишондиҳандаҳои истифодабарии иқтидори индустриалии саноати коркард оид ба истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо фоиз, ба андозаи умумӣ)[6]

| *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2010* | *2012* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* |
| Маҷмӯи сохтори оҳанӣ-бетонӣ, ҳазор $м^3$ | 5,2 | 5,6 | 10,1 | 22,7 | 21,3 | 19,6 | 19,6 |
| Маводи деворӣ, млн. дона | 21,3 | 26,9 | 33,4 | 38 | 38,8 | 36,4 | 43,2 |
| Пахта – нах, ҳазор тонна | 28,8 | 40,9 | 32,8 | 31,9 | 29,8 | 31,2 | 40,0 |
| Матои тайёри абрешимин, ҳазор метр | 66,0 | 71,6 | 71,6 | 2,4 | - | 0,4 | 19,0 |
| Пойафзол, ҳазор ҷуфт | 0,8 | 4,2 | 3,7 | 13,4 | 11,5 | 12,4 | 4,0 |
| Қолин ва маҳсулоти қолинҳо, млн. $м^2$ | 0,6 | 0,9 | 1,8 | 1,2 | 1,7 | 2,3 | 2,3 |
| Консерваҳои меваю сабзавот, млн. зарфи шишагӣ | 31,6 | 45,1 | 14,5 | 12,9 | 17,9 | 16,5 | 17,4 |
| Гӯшт, ҳазор тонна | 7,2 | 7,7 | 11,7 | 17,4 | 20,8 | 21,2 | 25,2 |
| Равғани ҳайвонот, ҳазор тонна | 1,5 | 1,6 | 1,7 | 1,6 | 4,1 | 4,2 | 3,8 |
| Маҳсулоти ширӣ, ҳазор тонна | 0,2 | 0,6 | 0,8 | 1,9 | 6,6 | 6,1 | 4,1 |

---

[5] Ҳисоб карда шудааст: Омори солонаи вилояти Суғд 2019с.// Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд .-2019с.– С.167-173.

[6] Омори солонаи вилояти Суғд 2019с.// Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд .2019с. - С-170-173.

Ба мо борҳо таъкид гардидааст, ки механизми оқилона истифодабарии иқтидори индустриалӣ танҳо дар сурати навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии сармояи асосӣ, ки асоси модели рушди саноатӣ-аграрӣ мебошад, имконпазир аст. Техника ва технологияҳои кӯҳна наметавонанд оқилона истифодабарии иқтидори индустриалиро таъмин намоянд ва пасткунии хароҷотро низ таъмин карда наметавонанд. Барқароркунӣ ва таҷдиди таҷҳизотҳо сармоягузориро талаб менамояд.

Ҳамин тавр, дар моҳҳои январ-ноябри соли 2019 дар самти сохтмони иншооти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва саноатӣ тадбирҳо андешида шуда, аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун ба маблағи 572,2 миллион сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта шуданд, маблағгузории сармояҳои асосӣ аз сарчашмаҳои мухталифи маблағгузорӣ барои ин ин давра ба маблағи 1291,0 млн. сомонӣ ба анҷом расид, ки мутаносибан 109,8 ва 106,1% -ро дар ҳамин давраи соли гузашта ташкил медиҳад. Ба ғайр ин, ба маблағи 425,2 миллион сомонӣ корҳои сохтмону васлкунӣ иҷро шуда, корҳои пудратӣ ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин давра, аз ҳисобҳои гуногун 436,5 метри мураббаъ ба истифода дода шуд ва суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 101,7% ташкил дод. [7]

Ба омӯхтани вазъият ва омодагии захираҳои меҳнатӣ (сармояи инсонӣ ҳатто дар шароити пайдоиш ва фаъолияти зеҳни сунъӣ, омили асосии истеҳсолот мемонад), пардохти онҳо дар механизми оқилона истифодабарии иқтидори индустриалии минтақа бояд эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Қариб ҳама тадқиқотчиёни ватанию хориҷӣ якдилона фикри ҳалли масъалаи кадриро ҳамчун шарти асосии оқилона истифодабарии иқтидори индустриалии минтақа тарафдорӣ менамоянд.

Дар вилояти Суғд қувваи корӣ (ба истиснои шахсони дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ машғулбуда ва шахсоне, ки ба соҳибкории инфиродӣ машғуланд) дар моҳҳои январ-ноябри соли 2019 830,4 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз онҳо:

- дар бахши воқеӣ 271215 ҳазор нафар,
- дар хизматрасонии умумӣ 150161 ҳазор нафар машғули кор мебошанд.

Миқдори бекорони расман ба қайд гирифташуда то 1 ноябри соли 2019 9099 ҳазор нафар ба шумор меравванд, ки аз онҳо 4558 ҳазор нафарро занон ташкил медиҳанд. Сатҳи расмии бекорони қувваи корӣ 1,1 % -ро ташкил дод. Музди миёнаи моҳонаи номиналӣ (ҳисобшуда) дар моҳҳои январ-декабри соли 2019 1173,61 сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,8 % афзоиш ёфтааст. Аз давраи аввали соли 2019 сатҳи таваррум 0,9 %-ро ташкил медиҳад.[8]

Бояд қайд кард, ки як хусусияти иқтидори индустриалии минтақа бисёргунагӣ мебошад ва ин бисёргунагӣ бо хароҷоти баланди захираҳои энергетикӣ ва захираҳои маҳсулоти хом ва бо ҳосилнокии меҳнат фарқ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, дар солҳои 80-ум ва 90-ум танҳо 1/3 ҳиссаи истеҳсоли саноатӣ ба маҳсулоти хом, ба монанди, маҷмӯи соҳаҳои сӯзишворию энергетикӣ, маҷмӯи соҳаҳои металлургӣ, маҷмӯи соҳаҳои кимиёвӣ ва хоҷагии ҷангал ташкил медоданд ва аз 2/3 ҳиссаи истеҳсоли саноатиро бошад соҳаҳои саноати коркард, аз он ҷумла истеҳсоли мошинсозӣ, истеҳсоли металлургӣ ва рушд додани истеҳсоли нассоҷӣ ташкил медоданд.

Ба сохтори мутавозини саноатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи шӯравӣ ҳиссаи баланди соҳаҳои саноатӣ, ки зиёда аз 50 фоизро ташкил медоданд то соли 1990 мусоидат менамуд, ва соҳаҳои металлургии ранга, ки 56,3 фоизро ташкил медод то соли 2000 мусоидат менамуд.

Аммо ин техника ва технология ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ кӯҳна гардид, ки дар натиҷа, коэффитсиенти истифодабарии иқтидорҳо ва таҷдиди зондҳои асосӣ якбора коҳиш ёфтанд, бекорӣ афзоиш ёфт ва сифати молу хизматрасониҳо коҳиш ёфтанд.

Дар натиҷа, истеҳсолоти саноатӣ дар вилояти Суғд ва дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ якбора кам гардид. Беҳбудиҳои пешбинишуда аз ҳисоби тағйир ёфтани сохторҳои моликият натиҷаҳои назаррасро наовард ва сатҳи оқилона истифода намудани иқтидори индустриалӣ паст гардид.

Хулоса, нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории иқтисодиёти минтақа ва, пеш аз ҳама саноат ба таври назаррас коҳиш ёфтанд. Аммо, бо вуҷуди ин, дар вилояти Суғд ва дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ пояҳои иқтисоди бозоргонӣ ташаккул ёфтанд ва имконияти такмил додани механизми оқилона истифодабарии иқтидори индустриалӣ ба шарти таҷдиди сармояи асосӣ пайдо гардид. Умуман, истифодабарии нерӯ дар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ инъикос ёфтааст, ки дар ҷадвали зерин оварда шудааст (ҷадвали 3).

[7] О результатах социально-экономического развития области за 11 месяцев 2019 года. Отчет Председателя Согдийской области //Согдийская правда.-№103 (16813)от 25.12.2019 года.С.3

[8] Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд январ – декабр // Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд . 2019с, С-85,101

Ҷадвали 3.

Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2012-2018[9]

| *Нишондодҳо* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *Суръати афзоиши соли 2018 ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли 2013* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 2349 | 2400,6 | 2455,5 | 2511,1 | 2560,8 | 2608,5 | 2657,0 | 110 |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандон дар иқтисодиёт, ҳазор нафар | 389,6 | 393,9 | 401,5 | 402,0 | 401,9 | 402,7 | 408,2 | 103 |
| МУМ, млн. сомонӣ | 8961,2 | 10439,9 | 11530,5 | 12036,9 | 14654,8 | 17510,7 | 18343,8 | 204 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, млн. долл. | 1769,9 | 2045,0 | 2469,1 | 2150,8 | 1870,9 | 2050,1 | 2015,6 | 113 |

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки суръати рушди иқтисодиёти минтақа бештар аз омилҳои инсонӣ ва аз оқилона истифодабарии иқтидори индустриалӣ вобастагӣ дорад, ки асоси ташаккули модели рушди индустриалӣ-аграриро ташкил медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд январ – декабр // Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд . 2019с, С-85,101
2. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. - Душанбе: «Контраст», 2016. – 58с.
3. О результатах социально-экономического развития области за 11 месяцев 2019 года. Отчет Председателя Согдийской области //Согдийская правда.-№103 (16813)от 25.12.2019 года.-С.1
4. О результатах социально-экономического развития области за 11 месяцев 2019 года. Отчет Председателя Согдийской области //Согдийская правда.-№103 (16813)от 25.12.2019 года.-С.3
5. Омори солонаи вилояти Суғд 2019с.// Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд .2019 с.- С-18-23.
6. Омори солонаи вилояти Суғд 2019с.// Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд .-2019с.– С.167-173.
7. Омори солонаи вилояти Суғд 2019с.// Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд .2019с. - С-170-173.
8. Тоҷикистон бо рақамҳо 2019. Агентии омори назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон.,С-85.


## REFERRENCES


1. Social-economic situation of the Sughd Region for January-December 2019, Agency statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2019, p.85-101
2. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period to 2030, Dushanbe – 2016, 58 p.
3. On the results of the social-economic development of the region for 11 months of 2019. Report of the Chairman of the Sughd Region. Sughd truth.-No.103 (16813) from 25.12.2019, p.1
4. On the results of the social-economic development of the region for 11 months of 2019. Report of the Chairman of the Sughd Region. Sughd truth.-No.103 (16813) from 25.12.2019, p.3
5. Statistical annual of the Sughd Region 2019, Agency statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2019, p. 18-23
6. Statistical annual of the Sughd Region 2019, Agency statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2019, p. 167-173
7. Statistical annual of the Sughd Region 2019, Agency statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2019, p. 170-173
8. Tajikistan in figures 2019. Agency on statistics under President of the Republic of Tajikistan, p. 85


[9] Омори солонаи вилояти Суғд 2019с.// Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд .2019 с.- С-18-23.